# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Пиров Қурбон - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ба диссертатсия ва автореферати Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи “Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ)

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Ислоҳоти системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикисон ба рушду такомули мундариҷа ва сохти маълумот, аз ҷумла муоширати забонӣ, байнифарҳангӣ ва фаҳмишу баргардониши он ба забони модарӣ равона карда шудааст.

Диссертатсияи Мирзоев Ш. С. ба таҳлилу тадқиқи проблемаи актуалӣ – хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ба соҳаи маориф таалукдошта низ инъикос гардидааст, ки дар онҳо ба таври махсус зарурати тибқи талаботи замон ба роҳ мондани навсозиии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зикр карда шудааст.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар сатҳи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мувофиқи мақсад будани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо нияти беҳтар намудани самаранокии таълими забони хориҷиро омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба миён овардаанд. Давраи муосири рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеа таъмингардонии омодагии насли наврасро ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, ба вуҷуд овардани қобилияти инсонро барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа тақозо мекунад. Аз давраҳои аввали таълим толибилм бояд воситаҳои мутобиқатнокии ибтидоиро дар ҷаҳони аз лиҳози таҳаррук тағйирёбанда

ва такомулёбанда аз бар намояд ва дастрасии воситаҳо, пеш аз ҳама, ба компютери шахсӣ хос мебошад.

Унвонҷӯ оид ба мавзӯи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос муҳтаво, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, нукоти илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисоларо тарҳрезӣ намудааст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррониӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Натиҷаи саривақтӣ будан ва аҳамияти фавқуллодаи ҷанбаҳои мазкури иҷтимоӣ барои низоми таҳсилот муттаҳидии талаботи созгор дар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ҷумла, зарурати омодасозии хонандагони хурдсол барои истифодаи фаъолонаи асбобҳои нутқ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ҷиҳати ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ зикр карда мешавад.

Дар робита ба ҳамин, коркарди нокифияи илмии проблемаи мавриди баррасӣ зарурат ва аҳамияти интихоби мавзӯи “Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ба сифати рисолаи диссертатсионӣ ба миён гузошт.

**Мақсади таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва дар озмоиш санҷида баромадани самаранокии методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо дастгирии технологияи компютерӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилои миёнаи умумӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ.

**Предмети таҳқиқот:** методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилои миёнаи умумӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ.

Бо назардошти мақсад, объект, предмет ва фарзияи илмӣ **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян карда шуданд:

1. Ошкорсозии хусусиятҳои хос ва бузургиҳое, ки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативии МТИ-ро дар бар мегиранд.

2. Нишон додани хусусиятҳои интегративии мақсади таълими ЗХ дар синфҳои ибтидоӣ бо воситаи муайян кардани вобастагиҳои маъмули салоҳиятмандӣ ва саводнокии ТИК.

3. Муайян кардани моҳияти дастгирии компютерӣ ҳамчун қисмати муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ.

4. Дар асоси илмӣ интихоб ва ташкил намудани барномаҳои компютерии маърифатие, ки таълими забони англисиро барои хонандагони хурдсол дастгирӣ мекунанд.

5. Мушаххас гардонидани маҷмӯи принсип, метод ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими ЗА ба хонандагони хурдсол.

6. Дар рафти кори озмоишӣ тасдиқ намудани маҳсулнокии технологияи дастгирии компютерии раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ.

**Навоварии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфт:

1. Ба таври далелнок нишон дода шудааст, ки зарурати татбиқи низоми таълими хонандагони хурдсол бо истифодаи компютер муҳим аст.

2. Нишон дода шудааст, ки истифодаи барномаҳои компютерии маърифатӣ мувофиқи супоришҳои дидактикӣ ба афзоиши фаъолият, мустақилият, шавқи маърифатандӯзӣ ва сифати дониши ба даст овардаи хонандагони хурдсоли мактаб мусоидат мекунад.

3. Мундариҷа, сохтор, роҳҳои имконпазири созмондиҳии низоми маҷмӯии таълим аз лиҳози назариявӣ муайян ва асоснок карда шуданд.

4. Дар замима ба қаринаи махсуси таҳсилот хусусиятҳои МИТ забони хориҷӣ – таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ пешниҳод шуда буд.

5. Низоми интегративии векторҳои асосӣ, аз як тараф марбут бо таълими забони хориҷӣ (вектори робита), аз дигар тараф марбут бо ташаккули саводнокии ТИК (вектори иттилоотӣ)-и хонандагони синни хурд, барои синфҳои ибтидоӣ исбот карда шуд.

6. Дар асоси илмӣ тартиботи интихоб ва ташкили дастгирии компютерии рафти таълими ЗХ дар синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсия.**

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки муаллиф дар диссертатсия мавқеи худро доир ба ҷустуҷӯи роҳҳои наву самарабахши таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ муайян кардааст. Натиҷаҳои рисолаи таҳқиқотӣ метавонанд зимни гузарондани курсҳо оид ба баландбардории тахассуси муаллимони забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бояд зикр намуд, ки асосҳои илмӣ-амалӣ ва методологии таҳқиқот ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд, муаллиф дониши хуби назариявӣ, қобилияти таҳлилу хулосабарорӣ, зоҳир намудани нуқтаҳои муҳими назариявиро оид ба ҳалли вазифаҳои таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилои миёнаи умумӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ доро мебошад.

Пояи таҳқиқот ва дар амал татбиқёбии он, методҳои таҳқиқоти илмӣ, давраҳои тағйирёбии таҳқиқот ба мантиқи он мувофиқат менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии рисола аз 178 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад, ки 5 диаграмма ва 11 ҷадвалро дар бар гирифтааст.

Дар муқаддима талаботи мавҷуда нисбат ба банду басти дастгоҳи илмии рисолаҳои илмӣ риоя карда шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

Боби якуми диссертатсия - *«Хусусияти хоси таълими забони англисӣ дар давраи муосири рушди ҷомеа барои хонандагони хурдсол»* ба баррасиии хусусиятҳои хоси таълими забони англисӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия - «*Таъмини истифодаи технологии дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ*» тавсифу баррасии роҳу усулҳои таъмини технологияи компютерӣ дар дарсҳои забони англисии синфҳои ибтидоиро дар бар мегирад.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки саводнокӣ дар соҳаи ТИК бо малакаҳои кор бо иттилоот тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мувофиқат мекунад. Яъне, он донистани кор бо иттилоот, коркарди он, таҳлил, тарҷума, тафсир бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар бар мегирад. Хамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки он «саводнокии иттилоотӣ» ва «саводнокии компютерӣ»-ро фаро гирифта, ҳамгироии онҳоро таъмин менамояд ва бо ҳамин ба татбиқи мақсадҳое, ки бо тамоюлҳои компютеркунонӣ ва иттилоотикунонии ҷомеаи муосир созгоранд, мусоидат мекунад.

Дар давраи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар раванди таълим модели асосноки ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони хурдсол татбиқ карда шуда, маҷмӯи шароитҳои педагогӣ ва технологияҳои педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятмандӣ ва саводнокии мактабиён мусоидат мекунад, санҷида шуда, шаклҳо ва методҳои беҳтари кор оид ба ташаккули салоҳиятҳои номбурдa муайян карда шудаанд.

Натиҷа ва хулосаҳои ба даст овардашударо метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ истифода бурд. Дар асоси нуқоти назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, оид ба таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз дастгоҳҳои компютерӣ диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Ҳамин тариқ, Мирзоев Ш. С. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисолаи баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

**Эътимоднокӣ ва боварбахшии** қавоид, хулоса ва тавсияҳо аз ҳисоби таҷрибаи дар илмҳои педагогика, психология, методология ва назарияи таълими забони хориҷӣ, иттилоотикунонии раванди таълим дар муассисаи таҳсилотӣ андӯхташуда; маҷмӯи методҳои таҳқиқотие, ки ба моҳияти проблема мувофиқат мекунанд; тавъамии хулосаҳо бо қоидаҳои асосии консепсияи муосири равандҳои таҳсилот, инчунин натиҷаҳо ва хулосаҳо оид ба озмоишҳои педагогӣ таъмин карда шудаанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳоро пешниҳод карданӣ ҳастем:

1. Мувофиқи матлаб мебуд, агар диссертант оиди технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ ибрози ақида намуда, доир ба мавҷудияти душвориҳо дар истифодаи компютер аз ҷониби талабагони хурдсол андеша меронд.
2. Диссертант возеҳ зикр накардааст, ки аз барномаҳои пешниҳод гардида истифодаи кадом барномаҳо бештар натиҷаи дилхоҳ додаанд.

3. Дар матни русии автореферат ғалатҳои грамматикӣ ва услубӣ во мехӯранд.

4. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда дар баъзе мавридҳо талабот риоя нагардидааст.

Эродҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст омада дорои ягонагии ба ҳам алоқаманд буда, ба фароҳам овардани шароити педагогии мусоид барои ташаккули технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ мусоидат менамоянд.

Мазмуни диссертатсия, хулосаҳои баёнгардида оид ба натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд хулоса намоем, ки мақсади гузошташудаи муаллиф амалӣ гашта, фарзия ҳалли мусбии худро ёфтааст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар корҳои чопии интишорёфтаи унвонҷӯ инъикос ёфта, онҳо дар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ ва маҷаллаҳои илмӣ ва семинарҳо пешниҳод гардидаанд. Унвонҷӯ оид ба диссертатсия 9 мақола чоп намудааст, ки 4-тои он ба маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия тавсияшуда мансуб мебошанд.

Диссертация кори мустақилонаи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботи мавҷудбуда оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Диссертатсия барои илми педагогика аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф боваринок, хулоса ва тавсияҳои манзургардида асоснок мебошанд.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Мирзоев Шухрат Саидаҳмадович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкори
ва хизмати Тоҷикистон: Пиров Қ.

Имзои номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Пиров Қурбонро
тасдиқ мекунам.
Мудири ШК ДССХТ Ҷураев Ш.

Барои тамос: 734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел.: + 992 (37) 234-88-02 . E-mail: dsx_ips@mail.ru